Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и
назди Донишгохи миллии Точикистон
(734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълмии №8)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Баҳром Гулматович дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Точикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ))**

Рушди босуръати муносибатҳои иқтисодии байни кишварҳо дар доираи шаклҳои муосири ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар асоси таъсиси низомҳои шабакаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ, долонҳои нақлиётию коммуникатсионии минтақавӣ, инчунин заминаҳои моддии ҷаҳонишавӣ, аз қабили рушди иттилоотӣ дар заминаи истифодаи васеъи Интернет, ташаккули модели нави ҳамгироии кишварҳоро нишон медиҳад. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз муносибатҳои ҳамгироии иқтисодии кишварҳо тақвият ёфта, сатҳи мезоҳамгироӣ ҳамчун омили муҳими ба даст овардани бартарияти ҳамгироӣ дар баробари бартариҳои нисбӣ ва рақобатӣ мегардад.

Мазмуни автореферати диссертатсия ва равишҳои илмии истифода намудаи Сафаров Б.Г. собит менамоянд, ки мавзуи таҳқиқотӣ барои ҷанбаҳои назариявии иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи таркибии рушди иқтисодиёти мамлакат арзёбӣ шуда, масъалаи нисбатан кам таҳқиқ гардида мебошад. Паҳлуҳои назариявии тадқиқоти диссертатсионӣ, равандҳо, қонуниятҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити ҳамгироии минтақавӣ, маҷмӯи ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятнок барои истифодаи васеи амалӣ нигаронида шудаанд.

Дар автореферат қайд шудааст, ки мезосатҳи таҳлили иқтисоди ҷаҳон бо қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ ба монанди; тақвияти характери кушода гирифтани низоми иқтисодиёти миллӣ кишварҳо, тақвияти байнлмилилагардии прогресси техникӣ ва назарияи самараи намоиш зич алоқаманд буда, ҳамзамон қонунияти нави инкишофи хоҷагии ҷаҳониро муайян мекунад. (С. 19)

Муаллиф дар автореферат назарияҳои бартарияти рақобатиро таснифот намуда, бартарияти онро, ки характери мезосатҳ дорад, дар шароити тақвияти равандҳои ҳамгироӣ асоснок намудааст: аз ҷумла: 1) самараи «долонҳои сабз» дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ дар шакли долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, коммуникатсионӣ ва энергетикӣ; 2) самараи истифодаи якҷояи захираҳои истеҳсолии минтақаҳои наздисарҳадии кишварҳои ҳамгироишуда; 3) самараи механизми ҷуброни тавозуни тақозо ва арза ба молҳои савдошаванда дар минтаҳаи дорои имконияти ҳамгироӣ ба вуҷуд меояд. (С. 26)

Новобаста аз тавсифи муназзами автореферати пешниходгардида, чунин норасои ба чашм мерасад:

1. Манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои иқтисодиёти кушод ба таври мушаххас асоснок нагардидааст.

Дар маҷмӯъ норасоии ошкор шуда, сифати аслии кори таҳқиқотии анҷомдодашуро коҳиш намедиҳад.

Тадқиқоти диссертатсионии Сафаров Б.Г. дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии рушди иқтисоди кушод дар шароити тақвияти муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» кори илмии таҳқиқотии мустақиман анҷом дода шуда буда, ба бандҳои марбути соҳаи илмии шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мутобиқат менамояд. Муаллифи он Сафаров Б.Г. сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Д.и.и., профессори кафедраи
назарияи иқтисодӣ ва
иқтисоди ҷаҳони ДСРТ — Раҳматзода Ҳ.Б.

*Имзои профессор Раҳматзода Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори Шуъбаи
кадрҳо ДСРТ — Раҳимов А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734061, кӯчаи М. Турсунзода 30 кор,
почтаи эл: p.rektora@mail.ru, Тел: (+992) 37 221-35-50